Шайтон бар пушти сари яке аз шумо, вақте ки ӯ мехобад, се гиреҳ мезанад. Ба ҳар як гиреҳ мегӯяд: Шаб дароз аст, бихоб

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Шайтон бар пушти сари яке аз шумо, вақте ки ӯ мехобад, се гиреҳ мезанад. Ба ҳар як гиреҳ мегӯяд: Шаб дароз аст, бихоб. Агар бедор шавад ва Худоро ёд кунад, як гиреҳ кушода мешавад. Агар пас аз он вузӯ бигирад, боз як гиреҳ кушода мешавад. Агар намоз бихонад, гиреҳи сеюм низ кушода мешавад. Дар натиҷа, субҳро бо нерӯмандӣ ва хушҳолии нафс оғоз мекунад. Вале агар чунин накунад, субҳро бо нафси нороҳат ва дар ҳолати танбалӣ оғоз мекунад."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбари акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳолати шайтонро баён мекунанд, ки чӣ гуна ӯ бо инсоне, ки мехоҳад барои намози шаб ё намози бомдод бархезад, дар мубориза аст. Воқеан, вақте муъмин ба хоб меравад, шайтон дар пушти сараш, яъне дар қисми паси сари ӯ, се гиреҳ мебандад. Агар муъмин бедор шавад ва Худоро ёд кунад ва ба васвасаҳои шайтон гӯш надиҳад, як гиреҳ кушода мешавад. Агар таҳорат гирад, гиреҳи дуюм ҳам кушода мешавад. Агар (банда) бархоста намоз хонад, гиреҳи сеюм низ кушода мешавад ва (он шахс) бо рӯҳи болида ва дили шод бедор мешавад, аз он ҷиҳат ки Худованд ӯро ба итоат муваффақ гардонидааст ва ба савобу мағфират ваъда додааст. Аммо агар (намоз нахонад), бо рӯҳи ғамгин, дили танг ва аз корҳои хайру нек ба танбалӣ бедор мешавад, зеро ӯ таҳти таъсири гиреҳҳои шайтон ва васвасаҳояш мондааст ва аз наздики ба Аллоҳ дур ва маҳрум шудааст.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3731